# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 оид ба дисертатсияи Муродов Парвиз Худойдодович** дар мавзӯъи: ***«Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб»* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ИМО,Г ва Э АМИТ) комиссия дар ҳайати д.и.к., профессор Пулатов Я.Э. (раиси комиссия), аъзоён: д.и.т., дотсент Ҳасанов Н.М. ва н.и.т., ходими калони илмӣ Қодиров А.С., ҷиҳати экспертизаи дисертатсияи Муродов Парвиз Худойдодович дар мавзӯъи: *«Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб»* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия дар асоси протоколи №1-3 аз 01.09.2022 таъсис дод.

Комиссия кори диссертатсионии Муродов П.Х. баррасӣ намуда, ба хулоса омад, ки мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба Шӯро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда мутобиқат мекунад, мавзуъ вобаста ба самтҳои афзалиятноки илми дар ҷумҳурӣ интихоб шудааст ва маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб дарҷ гардидаанд.

Ҳамин тариқ, кори дисертатсионии Муродов Парвиз Худойдодович дар мавзӯъи: *«Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб»* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ба талаботи қисми V «Экспертизаи диссертатсия дар шӯрои диссертатсионӣ», Замимаи 2 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с., №267 ҷавобгӯй буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот**

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ мебошад. Таи солҳои охир идоракунии оқилонаи захираҳои обӣ то дараҷае ба масъалаи муҳим табдил меёбад, ки ҳатто нақш ва мақоми давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ муайян менамояд. Бешак, бартарияти асосии Тоҷикистон захираҳои обии он мебошад ва ин захираҳо ба Тоҷикистон имконият медиҳанд, ки дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон мавқеи пешсафиро ишғол намояд. Барои самаранок истифода бурдани ин бартарӣ ҳангоми истифодаи об принсипҳои муносибати маҷмӯӣ, такмилу модернизатсияи технология ва рушди маҷмуи хоҷагии оби кишварро риоя намудан зарур аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги захираҳои обӣ буда, фонди умумии оби дарёҳояш ба 64 км³/сол арзёбӣ гардида, 55,4% ҳаҷми оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳад. Дар асоси ин, вазифаҳои муҳими соҳаи хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама таъмини аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъминоти устувор ва боэътимоди об ва фаъолияти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, ҳифзи самараноки захираҳои об аз ифлосшавӣ ва такрористеҳсолкунии миқдорию сифатии онҳо мебошад.

Мутаассифона, мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳимтарин мушкилоти истифодаи об дар Тоҷикистони муосир истифодаи нодуруст ва ғайрисамараноки захираҳои об бо масрафи зиёд дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва бахши манзилию коммуналӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмӯъ, дар кишвар барои истифода як қисми нисбатан ками захираҳои об аз объектҳои рӯизаминӣ гирифта мешаванд, аммо дар ҳавзаи дарёҳои Вахш, Панҷ, Кофарниҳон, Зарафшон, Варзоб ва як қатор дарёҳо вазъияти пуршиддати хоҷагии об ба назар мерасад ва аз сабаби сифати ғайриқаноатбахши об шадидтар гардида истодааст.

Ҳангоми таҳияи стратегия дар соҳаи идоракунии захираҳои об, банақшагирӣ ва татбиқи тадбирҳои захираҳои об, ки ба ҳалли мушкилоти таъминоти об нигаронида шудаанд, бояд оид ба тағйироти ҷорӣ ва имконпазири миқдор ва сифати захираҳои об, реҷаи оби дарёҳо зери таъсири омилҳои табиӣ ва инсонсириштӣ (антропогенӣ) баҳои илман асоснокшуда доштан зарур аст. Мураккабии ҳалли ин масъалаҳо дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа, хусусан, дар даҳсолаҳои охир аз бисёр ҷиҳат ба таҳқиқу омӯзиши нокифояи таъсири тағйирёбии шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва иқлимӣ ба соҳаи хоҷагии об вобастагӣ дорад.

## Мақсад ва вазифаи тадқиқот.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши хусусиятҳои гидрохимиявӣ ва муқаррар намудани қонуниятҳои тағйирёбии ҷараёни дарёи Варзоб мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои гидрохимиявии оби ҳавзаи дарёи Варзоб.
2. Омӯзиши мушкилоти ноҳиябандии низоми обтаъминкунии шаҳри Душанбе.
3. Таҳлили омории тағйирёбии бисёрсолаи маҷрои дарёи Варзоб ва тақсимоти дохилии солонаи он.
4. Таҳқиқи қонуниятҳои тағйирёбӣ ва тақсимоти фазоии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб.
5. Муайянкунии тағйирёбии эҳтимолии иқлимии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб
6. Муайян кардани хусусиятҳои изотопии оби ҳавзаи дарёи Варзоб.
7. Коркарди тавсияҳо оид ба истифодаи самараноки оби дарёи Варзоб.

**Навгониҳои илмие,** ба муаллиф муяссар гардидааст, бе шубҳа аз нигоҳи илмӣ асоснок шудааст, ва дар ҳамоишҳои илмии дохиливу бурунмарзӣ баррасӣ гардида, дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ, ба

монанди маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷаллаҳои сохтори Шохиси иқтибосҳои илмии Русия (ШИИР) нашр гардидаанд, ки гувоҳи гуфтаҳои болост.

Асоси навгониҳои илмии муаллиф:

1. Омилҳои ташаккулёбӣ ва тағйирёбии фазоӣ-замонии маҷрои дарё дар тамоми ҳудуди ҳавзаи дарёи Варзоб мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

2. Қонуниятҳои тағйирёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб дар асоси маълумотҳои бисёрсолаи оморӣ муаяйн карда шудааст.

3. Қонуниятҳои тақсимоти фазоии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб муқаррар карда шудааст.

4. Тағйироти эҳтимолии иқлимии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб омӯхта ва баҳогузорӣ карда шуданд.

5. Нишондиҳандаҳои сифати оби дарёи Варзоб муайян карда шуданд.

6. Оид ба истифодаи оқилонаи оби дарёи Варзоб тавсияҳо дода шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ-амалии тадқиқот.**

1. Арзёбии хусусиятҳои хоси нишондиҳандаҳои гидрохимиявии сифати оби ҳавзаи дарёи Варзоб пешниҳод гардид.

2. Қонунуниятҳои асосии афзалиятноки тақсимоти микроэлементҳо дар оби ҳавзаи дарёи Варзоб муайян карда шуд.

3. Хусусиятҳои изотопии оби ҳавзаи дарёи Варзоб муайян карда шуд.

4. Баҳодиҳии самаранокии иқтисодии истифодаи ҳавзаи дарёи Варзоб бо мақсади обтаъминкунӣ гузаронида шуд.

5. Тавсияҳо оид ба истифодаи оқилонаи оби ҳавзаи дарёи Варзоб таҳия карда шуданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ татбиқи амалӣ карда шуданд:

- дар Хадамоти назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми меъёрикунонии сифати оби нӯшокӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми истифодаи Қоидаҳои нишондиҳандаҳои назоратшавандаи сифати оби нӯшокӣ ва таҳияи барномаи кории назорати истеҳсолии сифати об истифода мешаванд;

- ҳангоми таҳқиқотҳои гуногун барои ташкили пойгоҳҳои ахбороти гидрологӣ ва гидрохимиявӣ;

- ҳангоми таҳияи модулҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз фанҳои "Обтаъминкунӣ", "Гидрологияи хушкӣ", "Экология ва муҳити зист", "Химияи об", "Минералогия", "Об, санитария ва гигиена" ва ғайраҳо.

<u>**Саҳми шахсии муаллиф**</u> аз интихоби самти таҳқиқот, гузоштани вазифаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо иборат мебошад. Муаллиф дар муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада, омода сохтани мавод барои чоп бевосита иштирок кардааст. Таҳияи хулосаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар якҷоягӣ бо роҳбари илмӣ гузаронида шудааст.

**Маводҳои дар кори диссертатсионӣ ҷойдодашуда** дар конференсияву симпозиумҳои илмии дохиливу бурунмарзӣ баррасӣ гардида, нашр шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки оид ба мавзуи

диссертатсия 29 корҳои илмӣ ба чоп расидаанд, аз ҷумла 5 кори илмӣ дар нашрияҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, 3 кори илмӣ ба нашрияҳои илмии индексатсияшудаи низоми "РИНС" дохил мешаванд. Инчунин унвонҷӯй дорои 1 китоби дарсӣ ва 4 дастури методӣ ба нашр расонидааст. Унвонҷӯй ҳаммуаллифи 1 адад патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтирооти "Обтаъминкунӣ – иншооти тозакунӣ барои тоза кардани обҳои тира" № TJ-999 аз 3 июни соли 2019 мебошад.

**Муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ тавсияҳо омода намудааст.**

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин пешниҳод карда шуданд: Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Тамоюлҳои муосири меъморӣ, сохтмон ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба 50-солагии ташкилшавии кафедраи меъмории ДТТ ва 80-солагии Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи меъморӣ ва сохтмонии ҶТ, профессор Ёқубов Н.Х., 03-04-уми июни соли 2014; Семинари илмӣ-амалии "Масъалаҳои истифодаи элементҳои меъмории миллӣ дар сохтмони бино ва иншооти Ҷумҳурии Тоҷикистон", 29 апрели соли 2015, ш. Душанбе; Конференсияи VIII- уми байналмилалии илмӣ-амалӣ "Дурнамои рушди илм ва маориф" бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ. Қисми -1, ш. Душанбе 3-4-уми ноябри соли 2016; Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ "Мушкилоти идоракунии ҳавзаи дарёҳо дар азхудкунии Сибир ва Арктика дар шароити тағйирёбии глобалии иқлими сайёра дар асри XXI": Маҷмӯаи маърӯзаҳо. Ҷилди I. – ш.Тюмен. ТИУ, 17 марти 2017; Конференсияи 2 -юми илмӣ-амалии донишҷӯён, магистрон ва аспирантҳо. "Илми тоҷик омили пешбари рушди ҷомеа" Қисми 1, Душанбе. 27 апрели 2017; Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", солҳои 2018–2028 (25-26 майи соли 2017); Конференсияи IV-уми ҷумҳуриявии илмӣ-амалии донишҷӯён, магистрантон ва аспирантҳо «Илм - асоси рушди инноватсионӣ». Қисми 1 // Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 24-25-уми апрели соли 2019; Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Асосҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва ташкилӣ-техникии рушди комплекси сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 7.12.2019; Конференсияи байналмилаии илмӣ-амалии "Захираҳои обӣ – асоси лоиҳаҳои минтақавӣ ва глобалии беҳдошти Россия, Сибир ва Арктика дар асри XXI", 19-21 марти соли 2021, ш. Тюмен, Россия - 2021с.; Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Комплекси хоҷагии об: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо», 6 майи соли 2022, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Кори диссертатсионии Муродов П.Х. ба **шиносномаи ихтисоси 25.00.27** – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия мутобиқат мекунад.

**Асолати диссертатсия 97,73 %** ва варианти русии автореферат **80,06 %** дар бар гирифта, маълумотнома оид ба асолат пешниҳод шудааст.

**Комиссия дар асоси баррасӣ тавсия медиҳад:**

1. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда мутобиқат мекунад, мавзуъ вобаста ба самтҳои афзалиятноки илми дар ҷумҳурӣ интихоб шудааст ва маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб дарҷ гардидаанд.

2. Кори дисертатсионии Муродов Парвиз Худойдодович дар мавзӯъи: *«Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб»* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 - Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди ИМО,ГваЭ АМИТ қабул карда шавад.

3. Комиссия пешниҳод менамояд, ки ба сифати муқарризони расмӣ шахсони зерин таъин карда шаванд:

- доктори илмҳои техникӣ, профессор, Директори филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Суғд, **Назаров Холмурод Марипович**;

- номзади илмҳои геология ва минерология, и.в. дотсенти кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарифов Гул Ваҳобович.

4. Комиссия пешниҳод менамояд, ки Донишкадаи кухию металлургии Тоҷикистон ба сифати муассисаи пешбар интихоб карда шавад.

5. Мутобиқи банди 60, Замимаи 2-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с., №267 комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад, ки эълони ҳимояи диссертатсияи Муродов П.Х. дар сомонаи расмии Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷой дода шуда, автореферат чоп ва мутобиқи муқаррароти қабулшуда ирсол карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Пулатов Я.Э.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмхои техникӣ, дотсент Ҳасанов Н.М.

номзади илмхои техникӣ, х.к.и. Қодиров А.С.

*Имзоҳои д.и.к., проф. Пулатов Я.Э., д.и.т., дотсент Хасанов Н.М. ва н.и.т., х.к.и. Қодиров А.С.-ро* тасдиқ мекунам.

*Мудири Шуъбаи кадрҳо ва коргузории ИМО, ГЭ ва Э АМИТ* Холназарова З.Д.